Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

21 июни соли 2025
Шанбе
№ 50
(15165)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҚАШҚАДАРЁИЁН ДАР САФИ АВВАЛИ ТАМОМИ ИСЛОҲОТАМОН МЕБОШАНД

**Президент Шавкат Мирзиёев 19-20 июн бо мақсади ошноӣ бо рушди минтақаҳо, натиҷадории ислоҳот аз вилояти Қашқадарё боздид ба амал овард.**



20 июн дар ноҳияи Кӯкдала бахшида ба чораҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Қашқадарё ҷамъомад баргузор гардид.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки дар вилоят дигаргуниҳои бузург сурат гирифта, ислоҳот дар ҳаёти мардум инъикоси худро меёбад.

Пештар бештар аз нисфи саноати вилоят ба соҳаи нафту газ ва кимиё рост меомад. Солҳои охир дар бахшҳои техникаи барқӣ, масолеҳи сохтмон, бофандагӣ, мебелсозӣ «ҷаҳиши бузург» ба амал омад. Ҳоло саҳми ин соҳаҳо дар саноат 54 фоизро ташкил мекунад.

Лекин ҳаёт бознамеистад, вазифаҳое, ки бояд иҷро кунем, бисёранд. Тибқи таҳлилҳо, дар Қашқадарё камаш 15 миллиард долларина иқтидори истифоданашуда мавҷуд аст. Агар ҳамагӣ сеяки ин имкониятҳо ба лоиҳаҳо табдил дода шавад ҳам, маҳсулоти минтақавии умумии вилоятро дар панҷ соли оянда метавон аз 10 миллиард доллар зиёд кард.

Тавре маълум аст, дар ноҳияҳое, ки ба барномаи рушди босуръат дохил карда шудаанд, «Ситодҳои ислоҳот» ташкил карда мешаванд. Таъкид гардид, ки лоиҳаҳои нави дар Шаҳрисабз, Яккабоғ ва Кӯкдала ба кор даровардашуда, дар ин раванд намунаи тайёранд. Акнун дар дигар ноҳияҳои вилоят низ ташкил кардани чунин ситод муқаррар гардид.

Президент имкониятҳои иловагии рушди ҳамаҷонибаи вилоятро қайд кард.

Зикр гашт, ки захираи бузургтарин заминҳои кишоварзӣ мебошанд. Масалан, дар Қашқадарё заминҳои обёришаванда 515 ҳазор гектар, замини наздиҳавлигӣ ва боғдорӣ 45 ҳазор гектарро ташкил карда, аз ин ҷиҳат дар ҷумҳурӣ дар ҷойи якум аст.

Ғайр аз ин, дар вилоят 1,3 миллион гектар замини чарогоҳ ва ҷангал мавҷуд. Акнун барои истифодаи босамари онҳо ширкати алоҳида таъсис меёбад. Барои ҷалби сармоя, маблағгузории лоиҳаҳо ва ворид кардани даромад, ба он мақоми ҷамъияти саҳҳомӣ дода шуда, ба Шӯрои назорат Сарвазир роҳбарӣ мекунад. Ба ширкат дар зинаи ибтидоӣ 100 миллион доллар ҷудо карда мешавад. Бо истифода аз ин маблағ ва сармояҳои иловагӣ, дар давоми ду сол камаш 200 ҳазор гектар чарогоҳ ва заминҳои ҷангали вилоятро лазерӣ ҳамвор карда, дар онҳо технологияи каммасрафи об ҷорӣ карда мешавад.

Дар Қашқадарё барномаи рушди маҷмӯии чорводорӣ оғоз мешавад. Барои ин аз Хазинаи хоҷагии қишлоқ ба муҳлати то 12 моҳ бо 14 фоизи солона кредит ҷудо карда мешавад. Тавассути ин 127 нафар чорводорони вилоят ба иқтидори пурра мебароянд. Ба онҳое, ки ҳам замин ва ҳам ферма доранд, маблағи имтиёзнок тақдим мегардад.

Аз аввали сол содироти меваю сабзавот дар вилоят ду баробар афзуда, ба 62 миллион доллар расидааст. Махсусан, тарбузи «Кӯкдала» – машҳур. Дар Қашқадарё ин корро бо помидор ҳам кардан мумкин аст. Бо ин мақсад дар 6 ҳазор гектар замини 13 ноҳия парвариши помидор роҳандозӣ мешавад.

Барои картошкапарварӣ кредитҳои имтиёзнок ба мӯҳлати то 12 моҳ бо 10 фоизи солона дода мешаванд. Воридоти таҷҳизоти зарурӣ ба ин бахш аз пардохти боҷи гумрук озод шуда, ҳангоми харидани тухмии хушсифат 50 дарсади андози арзиши иловашуда ҷуброн карда мешавад.

Таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Сарфи назар аз он, ки аз аввали сол 284 ҳазор нафар бо кор таъмин шуданд, боз ҳазорон нафар бекоранд.

Аз ин рӯ, имсол дар Қашқадарё ҷиҳати бо кор таъмин кардани 470 ҳазор нафар, аз камбизоатӣ раҳо намудани 150 ҳазор оила, ба «минтақаи бидуни бекор ва камбизоатон» табдил додани ноҳияи Китоб, шаҳри Қаршӣ ва Шаҳрисабз ҳадафҳои бузург пеш гузошта шудааст.

Бахусус, дар гӯшаҳои табиати ноҳияҳои Шаҳрисабз, Қамашӣ, Ғузор ва Чироқчӣ минтақаҳои сайёҳӣ бунёд мешаванд. Дар бозори «Чиял»-и ноҳияи Кӯкдала барои омодасозии таомҳои яхна шароит ва вазъи санитариро беҳтар намуда, рушди сайёҳии гастрономӣ вусъат меёбад. Дар маҳаллаи Қарасуви шаҳри Шаҳрисабз маркази оҳангарӣ кушода мешавад.

Ба шаҳрвандони бекор забонҳои хориҷӣ омӯзонида шуда, ба мамлакатҳое, ки даромади бештар медиҳанд, барои кор фиристода мешаванд. Дар заминаи беш аз 120 объект ва 400 гектар замин, ки тавассути музояда фурӯхта мешаванд, корхонаҳо бунёд гардида, ҷиҳати таъсиси 70 ҳазор ҷойи кор чораҳо андешида мешавад.

Имсол ба Қашқадарё ҷалби 3,5 миллиард доллар сармоя пешбинӣ шудааст. Дар панҷ моҳи сипаришуда ҳаҷми сармоягузорӣ дар Косон, Китоб ва Чироқчӣ тақрибан 2 баробар афзудааст.

Қайд карда шуд, ки конҳои вилоят барои ҷалби сармоя ва арзиши баланди иловашуда имконоти бузург доранд. Масалан, дар панҷ майдони ояндадори Китоб захираи 39 тонна тилло ва дар Чироқчӣ 10 ҳазор тонна металлҳои нодир кашф гардид. Дар соҳаи масолеҳи сохтмон 16 лоиҳа ба маблағи 150 миллион доллар омода шудааст.

Бо истифода аз инфрасохтори атрофи заводи коркарди гази Муборак, дар 200 гектар майдон минтақаи саноатии инноватсионӣ ташкил карда мешавад. Дар он тибқи системаи кластерӣ 5 лоиҳаи бузург дар соҳаҳои нафту кимиё, электротехника, робототехника ва масолеҳи сохтмон татбиқ мегардад.

Вилоят дар парвариши пахта пешсаф бошад ҳам, саҳми он дар саноати бофандагӣ ба 10 фоиз ҳам намерасад. Дар ин соҳа 35 лоиҳа ба маблағи 400 миллион доллар оғоз хоҳад шуд. Ҷиҳати дар давоми сол ба 51 фоиз расонидани коркарди наху калоба ва дар соли оянда ба 100 фоиз расонидани он чораҳо андешида мешавад.

Барои татбиқи чунин лоиҳаҳои иқтисодӣ инфрасохтори пешрафта зарур аст. Масалан, тавассути таҷдиди 100 километр роҳи автомобилгарди «Ғузор–Бухоро–Нукус–Бейнау», ки аз қаламрави вилоят мегузарад, иқтидори транзитӣ 3 баробар меафзояд.

106 километри шоҳроҳи «Қаршӣ–Шаҳрисабз–Китоб» бозсозӣ шуда, аз ду ба чаҳор қатор васеъ мешавад. Дар доираи ин лоиҳа роҳи нав ба масофаи 34 километр сохта мешавад, ки аз маркази Қамашӣ ва Яккабоғ давр зада мегузарад. Бо иштироки Бонки Исломии Рушд 60 километри роҳи «Тошканд – Тирмиз», ки аз қаламрави Қашқадарё мегузарад, чорсамта ва семент-бетонӣ карда мешавад.

Барои беҳсозии шароити зисти аҳолӣ биноҳои дорои 7 ҳазору 700 хонадон сохта мешаванд. Имсол 183 километр шабакаи об ва партовоб, 8-то иншооти обӣ бунёд мегардад.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои таъмини шуғли ҷавонон, пурмазмун ташкил кардани вақти холии онҳо низ диққат дода шуд. Вазифа гузошта шуд, ки онҳоро бо барномаи «Тиҷорати ҷавонон», хатмкунандагони муассисаҳои таълими олиро бо барномаи «Қадам ба оянда» фаро гирифта, барои соҳибкорӣ ва таъмини шуғли онҳо кумак расонида шавад.

– Тавре мебинем, дар Қашқадарё корҳое, ки ба нақша гирифтаем, хеле зиёданд. Бо мардуми меҳнатдӯст, самимӣ ва олиҷанобии вилоят, ки аз Амир Темур барин аҷдоди бузургамон фазилатҳоеро чун ҷасорат, матонат, фарохдилӣ ба худ мерос гирифтаанд, албатта ба марраҳои бузурги пешгузоштаи худ мерасем. Итминон дорам, ки қашқадарёгиён дар сафи пеши тамоми ислоҳоти мо хоҳанд буд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар ҷамъомад ҳокимони вилоят ва ноҳияҳо, роҳбарони соҳаҳо аз рӯи масъалаҳои баррасишуда маълумот дода, бо соҳибкорон ва намояндагони ҷамъиятӣ мулоқот ба амал омад.

Президент Шавкат Мирзиёев бо корҳои бузурги бунёдкорӣ, ки дар маркази маъмурии ноҳияи Кӯкдалаи вилояти Қашқадарё амалӣ мегарданд, шинос шуд.

Ин ноҳия се сол қабл бо ибтикори сарвари давлат бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ, танзими раванди шаҳрсозӣ ташкил шуда буд. Баъдан минтақа ривоҷ ёфт. Имрӯз дар наздикии Еттитом шаҳри нав барпо мешавад.

Пеш аз ҳама, ба масофаи 120 километр шабакаи об ва ба 210 километр хати барқ гузаронида шуда, инфрасохтори зарурӣ фароҳам гардид. Роҳҳо васеъ ва таъмир карда шуд. Биноҳои маъмурӣ, 19 мактаб, 22 кӯдакистон, шифохонаи бисёрсоҳа ва поликлиникаи оилавӣ сохта шуданд.

Бояд гуфт, ки бинои ҳокимияти ноҳия ибтидои таҷрибаи нав дар мамлакат гардид. Дар ин ҷо 38 идораи давлатӣ дар як ҷой фаъолият доранд. Ин барои шаҳрвандон мусоидиҳо фароҳам меорад. Шаҳрвандоне, ки пештар аз рӯйи ягон кор масофаи дурро тай карда, ба идораҳои ноҳияи Чироқчӣ мерафтанд, акнун тамоми хидматҳои давлатиро осон ба анҷом мерасонанд.

Президент таъкид кард, ки бунёдкорӣ, чунин шароити муттаҳид ва мутавозин дар Кӯкдала барои ҳама ноҳияҳо намуна аст.

Бахусус, маркази «Инсон» низ дар бинои ҳокимият ҷойгир аст. Дар ин ҷо хидматҳои иҷтимоӣ ва кумакҳоро барои аҳолӣ дар як нуқта ба таври маҷмӯӣ мерасонанд. Системаи барномавии он бо маълумотҳои 55 ташкилоти дахлдор муттаҳид карда шудааст. Кӯдакон, маъюбон, пиронсолон ва низоми пардохтҳои иҷтимоӣ бо ҳам алоқаманданд.

Сарвари давлат аз минтақаи хурди саноатии «Еттитом»-и маркази ноҳия низ дидан кард.

Дар чор гектар майдон нӯҳ лоиҳаи хурд ба маблағи 10 миллион доллар дар соҳаҳои нассоҷӣ, хӯрокворӣ, сохтмон ва молҳои рӯзгор ҷойгир шудааст. Масалан, дар корхонаи «Komfort Star New» дегҳои гармкунӣ ва дигар маснуоти оҳанин, дар корхонаи «Komfort Industrial Aria» маснуоти чинӣ истеҳсол мегардад. Дар маҷмӯъ дар минтақаи саноатӣ беш аз 600 ҷойи кори доимӣ таъсис дода мешавад.

Президентамон аз Қасри навбунёди санъат низ боздид ба амал овард.

Дар ин ҷо толори тамошои дорои 255 ҷойи нишаст, чанд хонаи маҳфил мавҷуд. Қаср бо асбобҳои муосири мусиқӣ таъмин гардида, бо студияи сабт, асбобҳои садобардор, системаи мукаммали гармидиҳӣ ва хунуккунӣ муҷаҳҳаз шудааст.

Мактаби санъат, муассисаи таҳсилоти умумӣ ва маҷмааи варзишии ноҳия дар шафати он ҷойгиранд, ки ин сазовори диққат аст. Сарвари давлат таъкид кард, ки ин барои бачагон хеле мусоид буда, дастур дод, то ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои оянда ин усул ба назар гирифта шавад.

Сарвари давлат баромадҳои эҷодии сарояндаҳои ҷавонро тамошо кард.

– Шуморо дида бори дигар бовар ҳосил кардам, ки дар сарзамини бобои мо Амир Темур истеъдодҳо зиёданд. Агар шумо ғайратманд шуда, аз омӯзиш бознаистед, заминаи бузургии Ӯзбекистон хоҳед шуд, – гуфт Шавкат Мирзиёев ба ҷавонон.

Дар марказ, инчунин, майдончаҳои бачагона, қитъаҳои сабз, марказҳои савдо ва хидматрасонӣ ба ҳам ҳамоҳанг сохта мешаванд. Умуман зиёда аз 200 объект сохта шуд. Сокинон аз ин бунёдкорӣ ва шароити мусоид мамнунанд.

Дар минтақа сохтмони объектҳои иҷтимоӣ, китобхона, майдончаҳои варзишӣ, марказҳои фарҳангӣ идома дорад.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба Қашқадарё ба поён расид.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Ӯлмас БАРОТОВ,**
**мухбирони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ИНШООТИ НАВ БА АФЗОИШИ САЙЁҲОН ХИДМАТ МЕКУНАД

***Дар қалъаи Лангар воқеъ дар ноҳияи Хатирчии вилояти Навоӣ, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ ва беҳтарсозии инфрасохтори маҳаллӣ, кемпинг, зиплайни дарозиаш 800 метр, тюбинги дарозиаш 200 метр, тарабхонаи муосир ва минтақаи селфигирӣ ба истифода дода шуд.***



Дар маросими ифтитоҳ ҳокими вилоят Нормат Турсунов, намояндагони ҷомеаи васеъ ва куҳансолон ширкат варзиданд.

Қалъаи Лангар дар масофаи 120 километр аз маркази вилоят ҷойгир буда, дар миёни кӯҳҳои баланду зебо қарор дорад. Ҳавои ин минтақа салқин аст ва дарахтони баланди сафедор дар соҳили сойҳо ва бедҳои бузург табиати нотакрори онро зеботар месозанд. Хонаҳое, ки дар канори дараҳо бунёд ёфтаанд, ба қалъа ҷаззобияти бештар мебахшанд. Ба ин мавзеъ пайваста сайёҳон ташриф меоранд.

Ба Лангар мақоми «Маҳаллаи сайёҳӣ» дода шудааст. Дар ин ҷо фаъолияти 20 меҳмонхонаи оилавӣ ва 3 макони истироҳатӣ ба роҳ монда шуда, зиёда аз 50 нафар бо ҷойи кор таъмин гардидаанд. Инчунин, 3 нуқтаи хӯроки умумӣ ва 10 нуқтаи савдо мавҷуданд. Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 30-то мерасад.

Дар ин ҷо барои сайёҳон 15 хонаводаи ошпазии миллӣ ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Бо мақсади зиёд намудани ташрифи сайёҳон ва афзоиши манбаъҳои даромади аҳолӣ, бастаи сайёҳии серӯза бо номи «Ҳалқаи сайёҳии Лангар» таҳия шудааст. Ҳамчунин, барои рушди навъҳои гуногуни сайёҳӣ як объекти туризми шикорӣ таъсис дода шудааст.

Албатта, тадбирҳое, ки дар ин минтақа амалӣ мешаванд, ба афзоиши шумораи сайёҳони дохиливу хориҷӣ, рушди хидматрасониҳои сайёҳӣ, фароҳамсозии ҷойҳои нави корӣ ва афзуншавии даромади сокинон мусоидат мекунанд.

**Абдувалӣ БӮРИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

# ДАР АМРИКО ФОРУМИ ҶАВОНОНИ ӮЗБЕКИСТОН БАРГУЗОР ГАРДИД

***Бо ибтикори сафорати Ӯзбекистон дар пойтахти ИМА ба муносибати 30 июн – Рӯзи ҷавонон таҳти шиори «Ҷавонон – пойдевори оянда» Форуми ҷавонон баргузор гардид.***

Дар форум донишҷӯёни ӯзбекистонӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии пешқадами иёлоти Амрико таҳсил мегиранд, ҳамватанони мо, ки дар созмонҳои байналмилалӣ фаъолият доранд, муҳаққиқон, мутахассисони ҷавон ва як қатор меҳмонони ҷавони хориҷӣ иштирок карданд.

Дар чорабинӣ роҷеъ ба нақши гурӯҳи ҷавононе, ки иқтидори муосир ва зеҳнии Ӯзбекистонро муайян мекунанд ва иштироки онҳо дар рушди ҷомеа ва давлат сухан рафт.

Дар ҳамоиш директори иҷроияи Бунёди «Эл-юрт умиди» Гулноза Исмоилова дар бораи фаъолияти бунёд, барномаҳои дастгирии донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мегиранд ва механизмҳои роҳнамоии онҳо ба касбу кор ҳангоми бозгашт ба Ватан маълумоти муфассал дод.

Доктuranти Мактаби тиббии Ҳарвард Нилуфар Қаҳҳорова бар асоси таҷрибаи шахсии илмии худ дар бораи муҳити академии ИМА ва имкониятҳои барои олимони ҷавон фароҳамшуда андешаҳои худро баён кард.

Директори ташкилоти ғайридавлатию ғайритиҷоратии «Авлоди рақамии Ӯзбекистон» Азамат Ҷалолов дар бораи афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон, стартапҳо, навоварӣ ва дурнамои ҳамкориҳо дар соҳаи технологияҳои рақамӣ маълумот дод.

Чорабинӣ дар шакли муошарати интерактив ва ошкоро доир гардида, дар он ҷавонон ба саволҳои худ посух гирифтанд. Инчунин, аз рӯйи мушкилоти соҳаҳои гуногун, роҳҳои ҳалли онҳо табодули афкор намуданд. Дар навбати худ, иштирокдорон корҳоеро, ки аз тарафи ҳукумати Ӯзбекистон бобати дастгирии ҷавонони таҳсилкунандаи хориҷи кишвар иҷро мешаванд, кумакҳои гуногуни сафорату муассисаҳои консулӣ ба онҳо ва ислоҳотеро, ки дар мамлакат татбиқ мегардад, эътироф карданд.

Малика Тӯйчибоева, намояндаи Иттиҳодияи донишҷӯёни Ӯзбекистон, ки аз ҷониби донишҷӯёни Донишгоҳи Аризона ташкил шудааст, дар бораи таҷрибаи иттиҳодия маълумот дод. Зикр гашт, ки иттиҳодия ҷавононеро, ки барои таҳсил ба Иёлоти Муттаҳида омадаанд, бо муҳити мамлакат ошно мекунад ва ҷиҳати мутобиқшавии онҳо ба раванди таълим кумак мерасонад.

**АИ «Дунё»,**
*Шаҳри ВАШИНГТОН.*



*Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон мавсими солимгардонӣ ва фароғати бачагон аз 3 июни соли ҷорӣ оғоз ёфт. То имрӯз дар 11 фароғатгоҳи статсионарӣ дар маҷмӯъ 1 ҳазору 397 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд. Ғайр аз ин, 69-то фароғатгоҳи рӯзона, ки дар шаҳру ноҳияҳо ташкил шудаанд, 3 ҳазору 357 нафар кӯдакро дар бар гирифтааст.*

*Ба нақша гирифта шудааст, ки дар мавсими имсола дар маҷмӯъ 80-то фароғатгоҳ (11-то статсионарӣ ва 69-то маркази саломатӣ) фаъолият намуда, дар онҳо 23 ҳазору 890 нафар кӯдакон истироҳат хоҳанд кард. Аз он ҷумла, 7 ҳазору 140 нафар дар фароғатгоҳҳои статсионарӣ ва 16 ҳазору 750 нафар кӯдакон дар лагерҳои рӯзона фаро гирифта мешаванд.*

**Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).**

# КОМЁБИҲОИ ҒАЛЛАКОРОН

***Деҳқонони шуҷоатманди ноҳияи Олоти вилояти Бухоро дар 18 ҳазор гектар майдон бо зироатпарварӣ машғуланд.***

Онҳо имсол дар 7652 гектар майдон пахта кишт карда, баҳри дастрас кардани 15 ҳазору 400 тонна ҳосил азму кӯшиш доранд. Ҳамин тариқ, дар 5 ҳазору 369 гектар майдон барои гирифтани 16 ҳазор тонна гандум ҷараёни корҳо вусъат меёбад. Ғаллапарварон ният доранд, ки имсол истеҳсоли ғалларо аз 31 ҳазор тонна гузароранд. Бо ин мақсад дар ҳудудҳои «Деҳнав», «Пахтакор», «Чорбоғ», «Шарқ юлдузи», «Оқ олтин», «Ўзбекистон», «Баҳористон», «Гулистон» ҷараёни ҳосилғундорӣ дар авҷ аст. Дар 20-то отряд 23 комбайни замонавӣ ва қариб 100 автомобили боркашон ором намегиранд. Имрӯзҳо дар хоҷагии фермерии «Акбар Ҷӯраев саховати»-и ҳудуди «Чандир» низ ҷараёни корҳо ибратбахшанд. Дар ин хоҷагии пахтаю ғаллапарварӣ имсол дар 19 гектар майдон гандум фаровон фароҳам омад. Рӯзе 15-20 тонна ҳосил ҷамъ оварда мешавад. Ғаллапарварон беш аз 100 тонна ҳосил ҷамъ оварда, ба орзуяшон расиданд. Ҷараёни ҳосилғундорӣ дар ғаллазор бо рӯҳбаландӣ идома дорад.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# НАМОИШГОҲИ НАХУСТИНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЭКОЛОГӢ

***19 – 21 июн маҷмааи намоишгоҳи CAEX, воқеъ дар шаҳри Тошканд, ба нахустин Намоишгоҳи байналмилалии технологияҳои экологии «EcoExpoCentralAsia – 2025» мизбонӣ мекунад. Ин чорабинии густурда, ки дар минтақа бори аввал роҳандозӣ шудааст, намояндагони беш аз 30 кишвари ҷаҳонро гирди ҳам овардааст. Гуфта мешавад, ки баргузории ин чорабинии доманфарох маҷмааи намоишгоҳро ба як платформаи гуфтушунид ва табодули таҷриба табдил хоҳад дод.***

– «EcoExpoCentralAsia – 2025» на танҳо намоишгоҳ, балки як платформаи махсуси насли нав аст, ки дар он коршиносон, ширкатҳо, стартапҳо, намояндагони созмонҳои давлатӣ ва байналмилалӣ барои муаррифии ҳалли замонавӣ ва муассири экологӣ мулоқот мекунанд. Дар ин ҷо масъалаҳои асосии устувории иқлим, ҳифзи захираҳо ва татбиқи технологияҳои тоза баррасӣ мешаванд, – мегӯяд сухангӯи Вазорати экологӣ, муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Ўзбекистон Лола Раҳмонбоева.

Л. Раҳмонбоева таъкид варзид, ки нахустин технологиҳои экологӣ аз навоварӣ дар зеҳни сунъӣ ва энергияи сабз то ҳалли масъалаҳои ҳифзи об ва омӯзиши экологӣ, тамоми доираи технологияҳои ояндаро фаро гирифтааст. Дар он фиристодагони Фаронса, Ҷумҳурии Корея, Тоҷикистон, Русия, Туркманистон, Италия, Қазоқистон, Австрия, Швейтсария, Арабистони Саудӣ, Олмон, Қатар, Чин, Хорватия, Сингапур, АМА, Беларус, Белгия, Ҳиндустон, Британияи Кабир, Ҷопон, Норвегия, Венгрия, Туркия, Гурҷистон, Бангладеш, Миср, Латвия ва Фаластин ширкат доранд.

Ин далели таваҷҷуҳи баланди байналмилалӣ ба барномаи экологии Осиёи Марказӣ мебошад. Муассисии ин чорабиниро Вазорати экология, муҳити зист ва тағйирёбии иқлими ҷумҳурӣ бар дӯш дорад. Намоишгоҳ ба «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти сабз», ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев дар кишварамон эълон шудааст, бахшида мешавад. Он барои тавсеаи ислоҳоти дохилӣ дар соҳаи экология ва таҳким бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт басо мусоидат хоҳад кард.

«EcoExpoCentralAsia – 2025» доираи имкониятҳоро барои шиносӣ бо технологияҳои пешрафтаи соҳа, барқарор намудани робита бо ширкатҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ки ба рушди навовариҳои экологӣ машғуланд, боз ҳам фарохтар хоҳад кард. Он нишон медиҳад, ки барои татбиқи стандартҳои ESG, мубодилаи таҷриба ва омӯзиши равишҳои технологӣ имкониятҳои калон мавҷуданд ва аз он мебояд фаровон истифода бурд. Чунин платформаҳо на танҳо ба фаъолияти корхонаҳо мусоидат мекунанд, балки ба ташаккули фарҳанги экологӣ дар миқёси миллӣ низ хизмати босазо анҷом медиҳанд.

Дарвоқеъ, барои ширкат дар ин намоишгоҳи байналмилалии экологӣ ҳудуди 3 ҳазор нафар номнавис шудаанд, ки иштирокчиёни хориҷӣ ва маҳаллӣ маҳсуб меёбанд. Дар байни онҳо ҳудуди 40 нафар меҳмононро шахсони воломақом ташкил медиҳанд.

Дар давоми ду рӯз дар намоишгоҳ бештар аз 20 ташкилотҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои бонуфуз, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, соири вилоятҳо ва шаҳри Тошканд тавассути павилёнҳои худ маҳсулоташонро ба намоиш гузоштанд. Боз як рӯзи дигар меҳмонон аз барномаи пурмазмуни намоишгоҳи экологӣ, мисли: мубоҳисаҳои умумӣ ва панелӣ бо иштироки коршиносони байналмилалӣ, муаррифии лоиҳаҳои инноватсионӣ, ҷаласаҳои мавзӯӣ оид ба энергияи «сабз», экотуризм, шаҳрҳои устувор, технологияҳои рақамӣ ва маблағгузории иқлим, дарсҳои омӯзишӣ, намоишгоҳҳои аксҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ ва озмуни стартапҳо баҳраманд хоҳанд шуд.

– Ғайр аз ин, зиёда аз 35 чорабинии мувозӣ, муаррифии лоиҳаҳои ояндадор ва имзои созишномаҳо оид ба барномаҳои экологӣ низ барномарезӣ шудаанд, ки то охири ин чорабинӣ ба вуқӯъ хоҳанд пайваст. Ба масъалаҳои рушди устувори минтақаи баҳри Арал, сохтмони сабз ва ҷалби ҷавонон ба рӯзномаи экологӣ таваҷҷуҳи махсус низ зоҳир карда мешавад, – мегӯяд Лола Раҳмонбоева.

Бино ба суханони ширкаткунандагони ин намоишгоҳ иштирок дар EcoExpo имкониятҳои беназир кушодааст, то ки онҳо дар он технологияҳои «сабз»-и худро ба доираи васеътар муаррифӣ кунанд, ба бозорҳои нав ворид шаванд, шарикони стратегӣ барқарор кунанд. Дар ҳақиқат, EcoExpoCentralAsia – 2025 як қадам ба сӯи ташаккули тафаккури нави экологӣ дар асоси инноватсия, устуворӣ ва ҳамкории байналмилалӣ арзёбӣ гардид. Чунки он имкони шунидан, дидани таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ ва саҳми воқеӣ баояндаи сабзи минтақаро таъмин мекунад.

Ду рӯзи намоишгоҳи нахустини байналмилалии экологиро намоишҳои консертии дастаҳои ҳунарӣ ва фолклории шаҳри Тошканд ва соири вилоятҳо пеши назари меҳмонон ва оммаи васеъ, ки барои тамошои павилёнҳо омадаанд, боз ҳам пуршукӯҳ ва пурҷилотар намоён намуд. Ин тарзи ташкили чорабинӣ 21 июн низ давом хоҳад кард.

Номоишгоҳи нахустини байналмилалии технологияҳои экологии «EcoExpoCentralAsia – 2025» имрӯз ба кори худ хотима мебахшад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Шаҳри ТОШКАНД.*

# НОҲИЯИ ФУРҚАТ: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДО

## Таърихи ноҳия чандон тӯлонӣ нест

Ноҳияи Фурқат як воҳиди маъмурии вилояти Фарғона маҳсуб меёбад. Масоҳати умумии он 0,31 ҳазор километри мураббаъ мебошад. Ноҳия дар байни қаторкӯҳҳои ғарбӣ ва ҷанубии Тёншон воқеъ гаштааст.

Агар ба гузаштаи он назаре андозем, ноҳия соли 1992 таъсис ёфтааст. Маркази маъмурӣ – шаҳраки Навбаҳор, қаблан ба номи Горский ёд мешудааст. Гуфта мешавад, ки ин ном 11 апрели соли 1899 пайдо шудааст ва ба ҳамон рӯзе рост меояд, ки аввалин қатора аз ҷониби Хавост ба самти шаҳри Қӯқанд ҳаракат мекардааст. Дар ҳамон давра қисми 4-уми сохтмони роҳи оҳани Самарқанд – Андиҷон таҳти роҳбарии Антон Гаврилович Горский (1846–1901) сурат ва номи шаҳрак аз ҳамин ном маншаъ гирифтааст.

Тибқи маълумотҳои расмӣ соли 1943 ноҳияи Горский 58 колхозро муттаҳид менамудааст. Аммо соли 1959 ноҳия барҳам хӯрда, он ба ноҳияи Ўзбекистон ҳамроҳ карда шудааст. Бар асоси карори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 5 июли соли 1991 қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 19 апрели соли 1991 ва қарори кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Фарғона аз 25 июли соли 1991 ноҳияи Фурқат соли 1992 дубора эҳё гардидааст.

Ноҳия дар айни ҳол 8 шаҳрак ва 6 ҷамоати шаҳрвандони деҳотро муттаҳид намудааст. Аҳолии ноҳия то 1 январи соли 2024 бештар аз 127 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ноҳия ба кишоварзӣ ихтисос дода шудааст ва дар хоҷагиҳои фермерии он деҳқонон ба пахтакорӣ ва парвариши ғалла, инчунин ба чорводорӣ машғуланд. Дар он як қатор корхонаҳои саноатӣ фаъолият мекунанд, ки бекоронро ба кор банд кардаанд ва ҷиҳати беҳбуди зиндагии онҳо низ мусоидат намудаанд.

## Баҳри беҳбуди шароит ва зиндагии мардум

Дар ноҳия аҳли меҳнат барои иҷрои қарор ва фармонҳои Президент ҷидду ҷаҳд мекунанд. Барпо гардидани корхонаҳои гуногун барои мустаҳкам шудани иқтисодиёти ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ нақши муассир мебозанд. Дар минтақаи хурди саноатии «Темирйӯлчӣ» бунёд ёфтани корхонаи истеҳсоли орд, ки аз ҷониби ҶММ «Мастона Бӯстони» роҳандозӣ шудааст, дар баробари бо орд таъмин кардани аҳолӣ, инчунин як гурӯҳ сокинони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навбаҳор»-ро бо кор таъмин кардааст.

Арзиши лоиҳавии корхона, ки ба сохтори «Кластери Фурқат» – яке аз кластерҳои ғаллапарварӣ тааллуқ дорад, бо ибтикори Сарвари давлат дар мамлакат арзи вуҷуд намудааст ва бо мақсади диверсификатсияи истеҳсолот дар бахши кишоварзӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди агробизнес ва занҷири баланди арзиши иловашуда таъсис дода шудааст. Он беш аз 4,4 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, ин лоиҳа аз ҳисоби маблағҳои худӣ татбиқ гардидааст. Мешавад гуфт, ки дар ибтидо 54 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуда бошад, баъдан шумораи ҷойҳои кори доимӣ ба 105 нафар афзоиш ёфтааст.

Корхонаи мазкур тибқи фанновариҳои муосири туркӣ муҷаҳҳаз карда шуда, иқтидори солонааш тавлиди 45 ҳазор тонна ордро ташкил медиҳад. Ҳарчанд дар оғоз маҳсулоти тавлидшуда танҳо эҳтиёҷоти дохилиро қаноат медод, аммо ҳоло домани тавлидот фарохтар гардида, наздик ба 3 миллион доллар маҳсулоти он барои содирот муқаррар шудааст. Дар корхона барои инкишоф додани интегратсияи илму истеҳсолот дар соҳаи тухмипарварӣ фабрикаи хурди тухмӣ низ ба фаъолият шурӯъ намудааст.

Ногуфта намонад, ки дар марҳилаи навбатӣ лоиҳаи бунёди истеҳсоли глютен мавриди татбиқ қарор дода шудааст, ки онро асосан барои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ истифода мебаранд. Дар баробари ин, корхонаи истеҳсоли машрубот низ madди назар мебошад, ки бо истифода аз технологияи олмонӣ дар 1 гектар майдони шафати корхонаи мазкур бунёд хоҳад ёфт. Маблағе, ки тақозо мегардад, 62 миллиард сӯмро ташкил медиҳад.

## Дурнамои ҷалби сармояҳо дурахшон аст

Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров бо сармоягузорони чинӣ дидору мулоқот анҷом додааст, ки дар ноҳияи Фурқат лоиҳаҳои ояндадорро амалӣ мекунанд. Онҳо намояндагони ширкати чинии «Xing Tai Lang Tai Agriculture Technology Co., Ltd» мебошанд. Зимни вохӯрӣ дар бораи иқтидори сармоягузории минтақа, инфрасохтори мавҷуда ва имкониятҳо маълумот ироа шудааст. Соҳибкорони чинӣ дар ин ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ татбиқи лоиҳаҳоро пешниҳод намудаанд.

Дар ҷараёни он механизмҳои татбиқи лоиҳаҳо баррасӣ гардидааст. Тазаккур ёфтааст, ки аз ҳисоби ҷалби сармоя ва ташкили истеҳсолот ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. Ҳокими вилоят омодагии худро барои дастгирии ташаббусҳои эълоншуда изҳор доштааст. Зимни вохӯрӣ тавофуқ шудааст, ки ҳамкориҳо бояд ба марҳилаи амалӣ гузаранд, тадбирҳои мушаххас муайян гардида, «харитаи роҳ» таҳия карда шавад. Ҳокими вилоят зарурати тезондани суръати корро таъкид кардааст. Дар поёни мулоқот миёни ҳокимияти вилоят ва ширкати «Xing Tai Lang Tai Agriculture Technology Co., Ltd» ёддошти ҳамкорӣ ба имзо расидааст.



## Ба соҳибонаш супурда шудани хонаҳои нав

Дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят мегӯяд, ки ин ҳодиса ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт. Соҳибони манзилҳои нав кормандони умури дохилӣ буда, сохтмончиён барояшон дар ҶШМ «Навбаҳор» бинои 5 ошёнаи истиқоматӣ сохтаанд. Гуфта мешавад, 14 нафар корманди умури дохилӣ бо нархи имтиёзнок соҳиби манзили зист шуданд. Қобили зикр аст, ҳудуде, ки дар он ҶММ «Зиё хаус» дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ корҳои сохтмонӣ анҷом додааст, қитъаи замини холӣ мебошад, ки дар ихтиёри Раёсати корҳои дохилии вилояти Фарғона қарор дорад.

Дар маросими ба соҳибонаш супурдани бино ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров, прокурори вилоят Бахтиёр Исмоилов, сардори Раёсати корҳои дохилии вилоят Азизбек Икромов, муовини мушовири Президент Ҷобир Азимов, инчунин собиқадорони соҳаи мазкур, волидон ва намояндагони ҷомеа ширкат варзидаанд. Ҳокими вилоят зикр намуд, ки дар бинои нав марказҳои хидматрасонӣ низ ба кор андохта шуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфтаанд. Ба гуфтаи ӯ давру замон тақозо менамояд, ки имкониятҳои мавҷуда барои иҷрои корҳои судманд истифода ва шароити беҳтар барои мардум фароҳам оварда шаванд.

Кормандони умури дохилӣ ва аъзои оилаи онҳо ба Сарвари давлатамон барои таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ, фароҳам овардани чунин шароит изҳори сипос намудаанд. Баъд аз он калиди хонаҳои нав ба соҳибонашон ботантана супурда шуд.



## Мактаб-интернат боз як имконият барои хунармандони ҷавон

Ин мактаб-интернат дар бобати рушди ҳунармандӣ ва тарбияи ҳунармандони ҷавон қадами хосе хоҳад буд, ки кушоиши он ҷавобан ба ташаббуси Сарвари давлатамон сурат гирифтааст. Дар ин ҷо намунаҳои корҳои эҷодии донишҷӯён ва намоишҳои санъати тасвирӣ ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани мактаб-интернати замонавӣ барои 240 ҷой муқаррар шудааст, ки ба омӯзиши ҳунарҳои миллӣ, аз қабили кандакорӣ, мебелсозӣ, зардӯзӣ ва наққошӣ ихтисос ёфтааст. Дар бинои мазкур барои донишомӯзон толори варзишӣ, ошхонаи дорои 64 ҷой, маҷлисгоҳ барои 126 ҷой, хобгоҳи умумии дорои 60 кат сохта шудааст. Гуфта мешавад, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ҳамагӣ 9,2 миллиард сӯм харҷ гардида, корҳои сохтмону муҷаҳҳазкунӣ ба ҷо оварда шудаанд.

Ислоҳоте, ки бо ташаббуси Сарвари давлат дар самти рушду дастгирии ҳунарҳои миллӣ ва дигар соҳаҳо амалӣ мегарданд, натиҷаҳои босамар ба бор меоваранд. Қобил ба ёдоварист, ки Президент дар соли 2022 зимни сафари худ ба вилоят аз корхонаи оилавии «Усто Юсуфҷони Наққош» дидан карда, бо фаъолияти он аз наздик шинос шудааст. Барои ҳамин тибқи дастуру супоришҳои муҳтарам Шавкат Мирзиёев барои боз ҳам густариш додани санъати наққошӣ ва чӯбкорӣ, ба наслҳои оянда мерос гузоштани он, зиёд намудани сафи ҷавонони иштиёқманд ин мактаб-интернат қомат рост намудааст.

Корнамоию фаъолияти Устои халқии Ўзбекистон Муҳаммадалӣ Юнусов аз тарафи давлат ва ҳукумат қадр шудааст.

– Ман барои ба амал баровардани фаъолияти самарабахши мактаб-интернат ҳамеша ёрӣ мерасонам. Ҷавонон метавонанд ба ин ёрии амалиам такя кунанд ва маҳорати худро сайқал бахшанд. Он рӯз дур нест, ки ин муассисаи таълимӣ ҳунармандони зиёдеро ба воя мерасонад ва маҳсулоти тавлидкардаи онҳо ба бозорҳои хориҷӣ содир шуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб мекунад, – мегӯяд Муҳаммадалӣ Юнусов.

## Маҷмааи нави савдо ва хидматрасонӣ бунёд меёбад

Дар ноҳия сохтмони як маҷмааи байналмилалии нави савдо, хидматрасонӣ ва фароғатӣ беш аз пеш вусъат пайдо кардааст. Он «Дӯстлик шаҳри» унвон гирифтааast ва дар деҳаи марзии Ардашхон бунёд меёбад. Мувофиқи лоиҳа дар ин минтақа майдони махсус ташкил карда мешавад, ки дар он савдои маҳсулоти бофандагӣ, масолеҳи бинокорӣ, молҳои рӯзгор, инчунин фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ба роҳ монда мешаванд.

Ҳамчунин бунёди як маркази савдои замонавии сеошёна дар назар аст. Лоиҳа, ки арзиши умумии он 400 миллиард сӯмро ташкил медиҳад, соли 2027 пурра мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, 4 ҳазор ҷойи корӣ фароҳам оварда мешавад. Ин маҷмаа боз имкон медиҳад, ки дар як вақт 40 ҳазор кас аз хидмати он истифода кунад. Он ҳамчунин ба харидороне хидмат хоҳад кард, ки аз кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон ва Қирғизистон ташриф меоваранд.

Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ҳафтаи гузашта аз ҷараёни корҳо дар сохтмони ин маҷмааи байналмилалӣ боздид намуд ва ба дастандаркорони он супориш дод, ки ба суръати сохтмон суръат зам намоянд, то ки дар мӯҳлати муқарраршуда ба анҷом расад.

## Минтақаи хурди саноатии «Мебелчиён» арзи вуҷуд мекунад

Дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Эшон» сохтмони минтақаи хурди саноатии «Мебелчиён» идома дорад, ки тибқи талаботи технологияҳои пешрафта ва тарҳи муосир бунёд хоҳад ёфт. Дар доираи лоиҳа, ки 2 гектар майдонро фаро гирифтааст ва арзиши он 32 миллиард сӯм мебошад, боз 20 лоиҳаи нав татбиқ хоҳад шуд. Ин имкон медиҳад, ки беш аз 120 нафар сокинони ин ҷамоат бо ҷойи кори доимӣ таъмин шаванд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).**

# ОМӮЗГОРӢ – ЧАРОҒИ МАЪРИФАТ ВА ТАРБИЯТ

Дар қатори касбу ҳунарҳои гуногуне, ки дар ҷомеа ҳастанд, омӯзгорӣ яке аз муқаддастарин ва пурмасъулияттарин касбҳост. Омӯзгор – ин танҳо шахси таълимдиҳанда нест, ӯ раҳнамои роҳи зиндагӣ, бунёдгузори маърифат ва тарбиятгарест, ки бо меҳру муҳаббат ва фидокорӣ рӯҳи наслҳои ояндаро парвариш менамояд.

Омӯзгорӣ касбест, ки бо дили соф дониш меомӯзонад, рӯшан мекунад ва меофарад. Маҳз дар оғӯши мактаб ва дар муҳити синфхона, ки фазои меҳру илму дониш болафшон аст, аввалин панду ҳикмат, аввалин ҳисси масъулият ва меҳанпарастӣ дар қалби шогирдон ҷой мегирад. Ва ин ҳама ба туфайли заҳмати беинтиҳои омӯзгор аст.

Омӯзгорӣ метавонад танҳо як ном бошад, аммо дар паси он олами пур аз фидокорӣ, меҳрубонӣ, садоқат, сабру тоқат ва фарҳангу дониш меистад. Ӯ на танҳо омӯзгори фанҳои дарсӣ, балки омӯзгори ахлоқ, одоб, таълим, тарбия, инсондӯстӣ ва зебоӣ мебошад. Дар ҳар як суханаш маърифат аст, дар ҳар як нигоҳаш умед ва дар ҳар як амалаш меҳру муҳаббат ба инсон ва ҷомеа.

Таҳқиқотҳои илмии соҳаи педагогика низ собит месозанд, ки симои омӯзгори асри XXI дигаргун шудааст. Ӯ на танҳо донандаи фан, балки психолог, тарбиятгар, тарроҳи барномаҳои таълимӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ бошад. Технологияҳои нав ва рӯйдодҳои иҷтимоӣ эҳтиёҷи омӯзгоронро ба тавсеаи донишу малакаҳои худ зиёд намудаанд. Ва маҳз омӯзгорони соҳибсавод, навандеш ва меҳнатдӯст дар раванди ислоҳоти таълим нақши калидӣ доранд.

Агар ба таърихи халқи мо назар афканем, модарону омӯзгорони бузурге буданд, ки бо қаламу сухан ва рафтору фидокории худ мардумро бедор ва наслҳоро ба роҳи рост ҳидоят мекарданд. Имрӯз низ рисолати омӯзгорӣ танҳо дар омӯзонидани дониш не, балки дар шакл додан ба шахсияти инсони комил ва ватандӯст қарор дорад.

Мутаассифона, заҳмати омӯзгорӣ на ҳамеша пурра қадр карда мешавад. Аммо ҳар як муваффақияти шогирд, ҳар як пирӯзии донишомӯз, натиҷаи заҳмати беминнати ӯст. Ва ин беҳтарин мукофот барои омӯзгор мебошад – дидани пешрафти шогирде, ки бо дастони меҳрубони ӯ ба камол расидааст.

Имрӯз, дар замоне, ки ҷаҳон ба сӯйи илму технология ҳаракат мекунад, нақши омӯзгорӣ беш аз пеш муҳим гаштааст. Омӯзгор метавонад илҳомбахши ихтироъкорони оянда, роҳнамо барои олимони ҷавон ва пуштибони равшании маърифат бошад. Вай бояд ҳамқадами замон ва пайвандгари наслҳо бо арзишҳои миллӣ бошад.

Мо бояд ба омӯзгор эҳтиром гузорем, заҳматашро бишносем ва барои баланд бардоштани мақому манзалаташ кӯшиш намоем. Зеро бе омӯзгор ҷомеа наметавонад рушд кунад, миллат наметавонад ба камол расад.

Дар шароити муосир омӯзгор бояд на танҳо дониши фанниашро тақвият диҳад, балки шахсияти худ, рӯҳияи инсондӯстиву ватандӯстӣ ва қобилияти дарки замонро низ рушд диҳад. Омӯзгори замони нав бояд муҷаҳҳаз бо технологияи муосир, вале ҳамзамон бо фарҳангу ахлоқи миллӣ бошад. Ӯ бояд байни илми ҷаҳонӣ ва арзишҳои миллӣ пули эътимод бунёд намояд.

Омӯзгор ҳаст, ки ба сухани шогирд гӯш медиҳад, дили ӯро мефаҳмад ва хомӯшона дасташро мегирад. Вай шояд аз хастагӣ нолад, аммо лабханд мезанад. Вай шояд шабҳоро бо санҷиши дафтарҳо рӯз кунад, аммо ҳеч гоҳ муҳаббатро аз дилаш кам намекунад. Зеро ӯ медонад: ҳар калимае, ки имрӯз мегӯяд, фардо метавонад тақдири як инсонро дигар созад.

Омӯзгор бояд бишносад, ки заҳмати ӯ абадӣ аст – ҳатто агар тоҷи шуҳрат бар сараш набошад. Зеро ҳар як шогирде, ки роҳи дуруст пеш мегирад, ҳар як ҷавоне, ки роҳи илму ҳунарро мегирад – ин хиште дар бинои миллат аст, ки бо дасти ӯ гузошта шудааст.

Ҷомеа, бояд ба омӯзгор арҷ гузорад. Ҳарфи ӯро бишнавем, эҳсоси ӯро эҳтиром кунем ва кору пайкорашро қадр намоем. Чунки бе муаллим миллат кӯр аст ва бе омӯзгорӣ – оянда торик.

**Шоира ТЕМИРОВА,**
**омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби таълими умумии рақами 10-уми ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.**



# «ҶОИ ПАДАРИ ШУМО ДИГАР...»

***Ҷалол Икромӣ, ки дар ибтидо шеър мегуфт, бо маслиҳати устод Айнӣ ба наср гузашт. Аввалин ҳикояаш «Шабе дар Регистони Бухоро»-ро маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба табъ расонд (1927) ва бо ҳамин роҳи адиб ба «адабиёти калон» боз гардид. Соли 1934 нахустин маҷмӯаи ҳикояҳояш бо унвони «Ҳаёт ва ғалаба» аз чоп баромад. Дар ҷодаи адабӣ қадамҳои устувор гузошт ва повести «Тирмор»-ро иншо намуд. Дар солҳои ҷанг низ самаранок эҷод кард, песаҳояш «Дили модар» ва «Хонаи Нодир» дар саҳнаи театрҳои драмавӣ намоиш дода шуданд. Дар асарҳои гуногунжанри давраиҷангиаш мавзӯи Ватан ва муборизаҳои бемислу монанди диловарони тоҷик дар арсаҳои набард инъикос ёфтаанд.***

Баъдтар «Ситора», «Тори анкабут», «Ман гунаҳкорам» ва «Устоди ман, мактаби ман, худи ман» барин қиссаҳои ҷолиби ӯ дар шакли китоб ба дасти хонанда расиданд.

Ҷалол Икромӣ хусусан дар равнақи романи тоҷик саҳми арзанда гузошт. Адабиёти муосири моро бе дуҷилдаи «Шодӣ», «Саргузашти Сафармахсум» (бо ҳамқаламии Ҳабибулло Назаров), «Зоғҳои бадмур», «Хатлон» барин романҳои ӯ тасаввур кардан душвор. Сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» қуллаи эҷодиёти адиб ва беҳтарин романҳои таърихӣ дар адабиёти давраи навини тоҷик эътироф шудааст. Романи ба ҳаёти Туҳфа Фозилова бахшидааш «Гули бодом» баъди зиндагиро падруд гуфтани ӯ ҷомаи табъ ба бар кард.

***

Нависанда соли 1909 дар Бухоро ба дунё омадааст. Бобояш (падари падараш) Бадриддин аслан аз кӯҳистони Ховалинг буда, дар ибтидои асри нуздаҳ барои таҳсил ба Бухоро омада ва баъди мадраса ҳамин ҷо мондаву оиладор шуда будааст. Бадриддин писари худ Икромиддинро, ки аз тифлӣ хушзеҳн ва рағбати зиёд ба омӯзиш дошт, дар мадрасаҳо хононд. Икромиддин чун яке аз шахсҳои маърифатнок ном баровард ва дар давраи амирӣ солҳои зиёд дар шаҳри Бухорову атрофи он қозигӣ кард. Аммо кӯдакии фарзанди ӯ Ҷалолхон – набераи Бадриддини ховалингӣ, бо вуҷуди амалдории падар, басо вазнин гузашт. Дар дусолагиаш аз модар ҷудо шуд. Падараш низ ба беморӣ печид – мусибате, ки ба сари хонадон омад, ба Икромиддин сахт таъсир карда буд. Лозим омад вай дар чанд шаҳри Русия аз пайи табобат шавад.

Баъди бозгашт ба Бухоро Икромиддин Ҷалолхонро, ки ба ҳафт қадам мениҳод, ба мактаби кухна супурд. Баъди инқилоб дабистонҳои нав кушода шуданд, Ҷалолхон таҳсилашро дар ин гуна мактабҳо идома дод. Соли 1922 омӯзишгоҳи омӯзгории Бухоро ӯро ба бар гирифт. Бо вафот кардани падараш дар соли 1923 вай зарбаи боз ҳам сахттари рӯзгорро ҳис кард ва куллан бепарастор монд. Вале саъй мекард иродатманд бошад. Соли 1927 омӯзишгоҳро ба итмом расонд ва ба Донишгоҳи Самарқанд дохил шуд. Аммо бинобар сангинии шароити моддӣ маҷбур гашт соли 1928 ин даргоҳро тарк намояд. Ҳамон сол ба Бухоро баргашт ва ба муаллимӣ машғул шуд.

Соли 1930 дар шаҳри Душанбе анҷумани умумииттифоқии забоншиносон баргузор гардид. Ҷалол Икромӣ чун вакил дар конфронс иштирок кард ва баъди он ба таври доимӣ дар пойтахти тоҷикон монд. Аввал дар Институти забон ва адабиёти тоҷики АФ, пасон дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» («Садои Шарқ»-и ҳозира) адои вазифа намуд ва ба корҳои илмию адабӣ машғул шуд. Хусусан домани насрро маҳкамтар дошт, бо ҳидоят ва дастгирии устодаш Айнӣ дар жанрҳои калони эпикӣ низ қалам санҷид ва ба яке аз адибони сермаҳсул табдил ёфт.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ тӯли 50 соли фаъолияти эҷодиаш, тавре дар боло ишора рафт, бо асарҳои мондагор ба рушди насри замонавии тоҷик саҳми муносиб гузошт. Вай ҳанӯз соли 1964 барои романи «Духтари оташ» ба гирифтани Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ сазовор шуда буд. Асарҳояш ба якчанд забонҳои дунё тарҷумаву нашр шудаанд.

Ҷалол Икромӣ хусусан дар Ӯзбекистон, дар байни адибони ӯзбек маҳбубият дошт. Зуд-зуд ба Тошканд ва Бухоро меомад, дар чорабиниҳои маънавӣ ширкат меҷуст. Қариб ҳамаи повесту романҳояш ба ӯзбекӣ баргардонда шудаанд.

***

Беҳтарин рафиқҳояш киҳо буданд?

Дӯстони ҳамқаламаш, албатта. Ба таъкиди духтараш Дилафрӯз, онҳо бо Фотеҳ Ниёзӣ дар ҳамсоягӣ мезистанд ва равуо доштанд, модараш Саодат замонҳое бо Бонухон – завҷаи Ҳаким Карим дугонаи наздик буд. Икромиву Улуғзода, Мирзо Турсунзодаву Раҳим Ҷалил, Боқӣ Раҳимзодаву Фазлиддин Муҳаммадиев, то даврае ҳаёт буданд, хушӣ ва нохушиҳои ҳаётро ба ҳам медиданд.

Вале мураккабиҳои давр, хусусан, тӯфонҳои шадиди солҳои табъид чӣ қадар маъвоҳоро валангор, «хонаҳои меҳр»-ро хароб ва абгор сохт. Тавре дар давраҳои қадим ғуломонро ба ҳам ҷанг меандохтанд, ҳаракат мекарданд адибро бо дасти адиб маҳв созанд. «Аз болои ӯ нанависӣ, худат ба рӯзи сиёҳ меафтӣ».

Чунин рӯз ба сари Икромиву дӯстони ҳамқаламаш низ афтид. Вале вай, ҳарчанд «писари қозикалон» гуфта аз болояш навиштанд ва ёздаҳ моҳ дар зиндон буд, ба оне, ки (бо маҷбур кардани зимомдорони давр, албатта) аз болояш навиштааст, кина накард. Баъди баромадан аз ҳабс тавре вонамуд аз ҳамааш бехабар аст ва дӯстиашро давом дод.

Икромии ба озодӣ баромада дар пайдо кардани шуғл ва таъмини моддии оила ба мушкилот дучор шуд. Мителман (режиссёр) ва Бобоҷон Ғафуров дар ин масъала кумак карданд.

Икромӣ якчанд шогирд тарбия кардааст, ки қисмате ба дараҷаи устодӣ расиданд (Ӯрун Кӯҳзод, Кароматуллоҳи Мирзо, Абдулҳамид Самад, Маъруф Бобоҷон ва ғайраҳо). Лоиқу Гулрухсор барин шоирони давр низ Икромиро устод мешумурданд ва эҳтиром мекарданд. Гулрухсорро духтарашон барин медонистанд, гуфтааст духтараш Дилафрӯз Икромӣ.

***

Адиб ва арбоби давлатӣ Шароф Рашидов Ҷалол Икромиро бисёр ҳурмат мекард. Тавре Ҷонон – писари Икромӣ дар хотираҳояш қайд карда, аснои сафари падару писар ба Бухоро ва ба сабабе истода мондани мошинашон дар роҳ тасодуфан мошини Рашидовро дучор меоянд, ки наздашон қарор гирифт. Вақте роҳбари онвақтаи Ӯзбекистон фуромад, чун дӯстони самимие, ки дер боз якдигарро надидаанд, вохӯрданд.

Рашидов аз масъалаи хона мепурсад. Икромӣ мегӯяд дар Бухоро баъзе хешон ҳастанд, равуо канда нашудааст, вале аз манзиле, ки калон шудаам, ҳоло ному нишон нест. «Ин тавр бошад аз мо ба шумо як хона!» лабханд мезанад Рашидов ва ба ваъда вафо мекунад.

Собиқ кӯчаи Богдан Хмелнитскийи шаҳри Бухоро алъон кӯчаи ба номи Икромист.

***

Дар ҳаёти оилавии Икромиву Саодатбону рӯзҳои офтобӣ, даму соатҳои саодатнишон зиёд буданд. Зану шавҳар ба маънои воқеӣ хушбахт зиндагӣ карданд, фарзандоне, ки бо воя расонданд, аҳли фазл. Роҳати набераву аберaҳо диданд.

Ҳаёт ҳаёт аст , омадан рафтан дорад. Дар пиронсолӣ ба фарзандон мегуфтанд, моро паҳлӯи ҳам гӯронед.

11 апрели соли 1993 Ҷалол Икромӣ амонатро супурд. Бо эҳтироми тамом ба боғи Лучоб гӯронданд. Бо вуҷуди иродатманд будан Саодатбону низ мисле «тамом» шуда буд. Фарзандон тасаллӣ додан мехостанд, ки падарамон рафта бошанд, мо ҳастем. Мегуфт: «Ҳеч кадоми шумо ҷой падаратонро гирифта наметавонед».

Баъди се соли марги шавҳар қалби Саодатбону низ аз задан бозистод. Вале имкон надошт дар паҳлӯи шавҳараш гӯронанд – фарзандон илоҷ надоштанд васияти волидонро ба иҷро расонанд. Модарашонро дар қабристони «Сариосиё» дафн карданд.

Вале дар Лучоб, дар паҳлӯи оромгоҳи Ҷалол Икромӣ лавҳаи ёдгории ҳамсараш низ гузошта шуда.

Ба санги мазори Икромӣ устод Лоиқ чунин катиба навиштааст:

*Зи бас буданд ҳамдӯшу ҳамоғӯш,*
*Ба сар бурданд умре бо дили пок.*
*Саодатбонуву Икромӣ ин ҷо*
*Ҳамоғӯшанд андар ин дили хок.*
*Дуое, саҷдае, зикре Худоро,*
*Ба ин ду қуббаи хоки Бухоро.*

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**
***Дар сурат:** навиcанда Ҷалол Икромӣ бо ҳамсараш Саодат.*

# «ХАЙР БОҒЧА, САЛОМ МАКТАБ!»

## *нидо доданд кӯдакон, ки барои мураббиён риққатовар буд...*

***Деҳаи хушҳавои Чунгул бо заминҳои ҳосилхез ва мардуми меҳнаткашу саховатпеша аз қадимулайём чун диёри пурфайзу баракоти ноҳияи Самарқанд машҳур. Боиси хушнудист, ки солҳои охир бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамон дар ин минтақа низ ба таълиму тарбияти насли наврас диққату эътибори хоса зоҳир мешавад.***

***Кӯдакистони давлатии рақами 23-юми назди шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Самарқанд, воқеъ дар деҳаи Чунгул, яке аз беҳтарин ба ҳисоб рафта, лоиқи таҳсин мебошад.***




Шаҳноза Шодиева, ки бо меҳнати ҳалолу босадоқаташ сазовори ҳурмату эҳтироми мардум гардидааст, мудири он мебошад. Вай қариб 20 сол боз бо таълиму тарбияти насли наврас машғул гашта, ин касбро аз модари ғамхор ва падари бузургвораш омӯхтааст. Ӯ солҳои охир кӯдакистонро ба маънои томаш ба кошонаи дилнишину гуворои бачагон табдил додааст. Ин ҷо барои истироҳату фароғати онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Чанде пеш дар кӯдакистон тадбири «Хайр, боғча!» баргузор гардид, ки барои ҳозирон, хосатан кӯдакон хотирнишин буд.

Хурду калони деҳа сӯйи ҳавлии кӯдакистон, ки идона зебу зиннат ёфта буд, мерафтанд. Вале дар он субҳи пурфайзу пурбаракат қалби Шаҳнозабонуро эҳсосоти шӯрангез, ташвишу изтироби дигаре ба туғён меовард.

Аммо вақте ки нигоҳаш ба писаракону духтаракони хушлибоси дӯстрӯяку беқарор афтод, эҳсосоти гуворое дар вуҷудаш туғён зада, осори изтиробу таҳлукаи ӯ тадриҷан аз байн рафт. Дере нагузашта кӯдакон дар либоси миллӣ ба забонҳои модарӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва ҳатто англисӣ шеъру сурудҳои дилошӯбу дилнишин иҷро карда, табъи ҳозиронро болида сохтанд.

Вақте ки «парончак»-ҳои кӯдакистон «хайр, боғча!» гӯён бо волидони худ кошонаро як-як тарк намуданд, беихтиёр дар чашмони мудир ва мураббиён ашк ҳалқа зад.

– Бовар кунед, – гуфт бо оҳи бадард Шаҳнозабону, – ман ин сӣ нафар кӯдаконро чун фарзанду наберагони худам дӯст дошта, ба рафтору гуфтори онҳо одат карда будам. Акнун ба ман ғайр аз «роҳи сафед» талабидан дигар илоҷе нест...

– Дар ин кӯдакистон на танҳо наберагони ман, балки фарзандонам низ таълиму тарбия гирифта буданд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд педагоги собиқадор Мирсафо Камолӣ, – бо сарварии Шаҳноза Шодиева ҷамоати соҳибтаҷриба бо корҳои фоидабахши педагогӣ машғул ҳаст, ки мо, волидайн ва бобоҷону бибиҷонҳо сипосгузорӣ мекунем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Дар акс:** дар кӯдакистони №23.*
**Аксбардор: Баҳодури ЗОҲИР.**

*Дар чорсӯйи зиндагӣ*

# ХИШТ, КИ АЗ ҚОЛАБ КӮЧИД...

Субҳи рӯзи ҷумъа хабари нохуш расид. Писари калони холаам нобаҳангом аз олам гузаштааст. Мувофиқи таомул миён баста, то бегоҳ азодорӣ кардем. Қарибии шом бо додари ӯ Қамарака хайру хуш карданӣ будам:

– Роҳат дур, рафта омаданат душвор. Гард хонаи ман, саҳарӣ ҳамроҳ меоем, – гуфт ӯ.

Ин таклиф ба ман маъқул омад ва мо суҳбаткунон равона шудем. То хонаи Қамарака тақрибан чил метр масофа монда буд, ки:

– Ин ҳаромибачаҳоро ба ҳеч куҷо бурдан даркор не, – бо овози баланд, дағалона сухан гуфтани зан ба гӯшам расид.

– Мошинсавор чарх зананд, дилашон кушода мешавад гуфтам-да, – худро сафед карданӣ мешуд мард.

– Ин паразитҳо чашмгурусна, – аланга гирифт зан. – Дар мағоза ба ҳама чиз часпида шарманда карданд.

– Хайр, ором шав! Бача-дия.

– Эъ, ин бебисмиллоҳ рӯйидаҳоро очаашон тарбия намекунад. Кай набинед, ду чашми ин сагбача ба телефон.

Бо гӯшаи чашм ба дарвозаи бонақшунигори калон кушода нигоҳ кардам. Дар назди сабукрави «Кобалт» зану марди миёнсол мунoқиша мекарданд.

Баъди тановули хӯрок бо соҳибхона ба саҳни ҳавлӣ баромадем. Фосилае нагузашта чир-чиру доди кӯдакону вағар-вуғури калонсолон баромад.

– Кай аз ҳамин ҳавлӣ мекӯчаму рӯз мебинам, – ба гӯш расид овози маҳини ҷавонзан аз он ҳавлӣ.

– Ҳе, шумо ёфти падаршӯву модаршӯро хӯрда, бағбақа задагӣ, – паст наомад модаршавҳар ҳам.

– Даҳонатро пӯш, қанчиқ! – бо садои баланд ба кадоме аз онҳо фармон дод мард. – Бачаатро тарбия деҳ!

– Ман қанчиқ не! Занат қанчиқ. Даҳони занатро пӯш! – аррос зада ба ҳуҷум гузашт келин.

– Эъ, ту ҳаромӣ нону намакамро хӯрда, боз гапгардонӣ мекунӣ, – ба шӯр омад мард. – Баро! Аз хона нест шав!

– Эҳ-е. Чашматонро кофта мешинам. Дар вақташ розӣ нашудем, ба ҳолу ҷонамон намонда, понздаҳ маротиба рафта, таги дарвозаро охурча кардетон.

– Бас кунед, келин. Медонед мулоамакатон бадфеъл, чӣ мекунед гап гардонда.

– Шумо ҳам фаришта не, – гӯён арӯс дари хонаро тақаросзанон пӯшид.

Алангаи ҷанҷол оҳиста-оҳиста хомӯш гашт ва мо ба хона даромадем.

– Ҳамсояҳо антиқа-ку?! – гуфтам.

– Зӯр-да. Мо ба консерту театр намеравем, – бо лабханд гуфт Қамарака. – Ҳар ҳафта ду-се бор чунин радиоспектаклро гӯш мекунем, кифоя.

– Аз хонадоне, ки як рӯз ғурбату ҷанҷол мехезад, чил рӯз хайру барака мепарад, мегӯянд. Дар оилаи нотифоқ зиндагӣ мазмун ҳам надорад. Наход модаркалон набераҳои худро «ҳаромибача» «бебисмиллоҳ рӯйида», падаршӯ келинро «қанчиқ» гӯяд?! – гӯён ба тарафи Қамарака нигоҳ кардам. Ӯ аллакай дар хоби ноз буд.

Чаро ин арӯс далерона гапгардонӣ мекунад? Ҳатто аз падаршӯ намеҳаросад. Ҳа, то азобу шиканҷа аз ҷавҳари ҷонаш нагузарад, ба ин хел қарор намеояд, – зери лаб гуфтам. То дер вақт хоб ба чашмонам ақаллан роҳгузар нашуд. Кори дунё аҷиб, гӯри бетақар-туқур нест. Дар ҳар маҳалла ду-се оилаи нотинҷу ҷанҷолӣ ёфт мешаванд. Худо накунад, ки хишт аз қолаб кӯчад... Вақтҳои охир ҷангу ҷанҷол, асабвайронкунӣ, дилхунукӣ, дилсиёҳӣ дар байни оилаҳои ҷавон бисёр рух медиҳанд. Калонсолони ду тараф, вакилони маҳалла ба мобайн даромада, бо панду насиҳат пеши вайроншавии оиларо мегиранд. Хайр, байни зану шавҳар баъзан нофаҳмиҳо, гапҳои пасту баланд ба амал меоянд. Ду-се рӯз нагузашта боз чун пештара аҳлу тифоқ умр ба сар мебаранд. Лекин мағалу ғурбати байни падаршӯю келинро дар ин оҳанг шунида, аз ҳайрат гиребон доштам.

Бузургсол шудан гирад, одам солору фозилтар мешавад, мегӯянд мӯйсафедон. Аммо ин мард ба ҷойи солору хирадманд шудан девона шудааст. Сабаб чист? Шояд ғаму ғусса, шикаст ва азобу уқубати зиндагӣ ӯро ба ин ҳол оварда бошад? Лекин дар кадом рӯзгор камбудӣ нест? Мумкин писарон гапи падарро гӯш намекунанд. Коргурезӣ, ҷӯрабозӣ карда, бори гарони рӯзгорро намекашанд. Бо гузашти вақт чунин мушкилот ноаён таъсири худро мерасонанд.

Баъзан хоҳу ноҳоҳ шоҳиди чунин моҷароҳо мешавем. Шоме ба дидорбинии яке аз хешовандон рафтам. Ҳини суҳбат гап дар бораи рӯзи таваллуд рафт.

– Ҳафтаи оянда зодрӯзи Зокирҷон. Моҳона гирифтед? – пурсид келини ошноям аз шавҳараш.

– О келин, як моҳ пеш ба ҳавои хунук нигоҳ накарда, «ден рождений» меҳмони бисёр меояд, гуфтед. Пухту паз ва ҷойи калонро тайёр кардем. Хӯш, чанд кас омад? – норозиёна гуфт модаршӯ.

– Бо баъзе сабабҳо ҳама омада натавонистанд. Ба рӯзи таваллуди Зокирҷон, албатта меоянд. Ваъда доданд.

– Келинҷон, маърака шарт не, – ба насиҳат гузашт падаршӯ. – Ба кӯдаки дусола кӣ омаду кӣ рафт, аҳамият надорад. Ба пули хараҷоти дастархон ба писарча чизи дилхоҳатонро харида диҳед.

– Оилаи падарам, модаркалонам, тағою холаҳоям ба табрик омаданӣ. Ман бо кадом забон наоед, гӯям? – ба шӯр омад арӯс.

– Чаро бемаслиҳат кор мекунед, келинҷон? – бо мулоимат пурсид модаршӯ.

– Барои писарашон наход пули дадеш азиз бошад? – луқма партофт арӯс.

– Ба шумо гапи падаршӯву модаршӯ якпул будааст-да, келин?! Худатон хӯҷаину таъбатон вазир шудааст, – ғазаби падаршӯ аз маҳмадоногии келин ба ҷӯш омад.

Дидам, ки баҳсу мунозира ба ҷанҷол табдил мегардад, ба дастархон омин карда хестам. Соҳибони хона ҳам аз ҷой хеста, барои гуселам баромаданд.

Баъзан кори бемашварат, якравӣ ва худписандии арӯсон ҳам сабаби дилхунукиҳо мешаванд. Агар арӯс хушмуомилаву баодоб, ширинсухану рамузфаҳм бошад, ҳар камбудиву хатои ӯро волидайни шавҳар мебахшанд.

Падару модар фарзандонро ба камол расонида, бо сад орзуву умед мехоҳанд аз оилаи нағз арӯс биёранд. Ҳеч кадом падару модар бадбахтии ҷигарбандашро намехоҳад. Нисбат ба модар, падари шавҳар ба келин бисёртар падарвор ғамхору меҳрубон мешавад. Зеро арӯс давомдиҳандаи наслу насабаш. Модаршӯ аз корҳои арӯс норозӣ бошад ҳам, падаршӯ ба даҳони ҳамсар зада, оташи нафрату хусумати ӯро паст мекунад. Ҳар сарвари оила хушбахтии ҷавонон, оромиву осоиштагии оила, наберагони солимро мехоҳад. Вазифаи падару модар на танҳо хӯронидану пӯшонидан, балки муҳимтар аз он тарбия намудан ва ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзандон мебошад. Вазифаи мо – волидон ба фарзанд дар мавзӯъҳои оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, рӯзгордорӣ, одоби меҳмондорию меҳмоншавӣ, муносибат ба хешу табори тарафайн зуд-зуд суҳбат кардан аст.

Дар хонадоне, ки китобу рӯзнома намехонанд, доираи ҷаҳонбинии аҳли оила ҳам танг мешавад. Мустаҳкамии оила ба хушсуханӣ ва ба забони муомилаву муоширати аҳли хонадон вобаста аст. Забон узвест, ки ҳам мувозинати бадан ва ҳам мувозинати хонаводаро барқарор мекунад. Агар забон ҳидоят кунад, дигар узвҳо низ рост мераванд. Касе, ки забонашро идора кардан метавонад, дар осоиштагиву амният зиндагӣ мекунад.

**Комилҷон ҶӮРАЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*

# КИТОБХОНӢ МАШҒУЛИЯТИ БЕҲТАРИН АСТ

***Дар бахши ҳудудии Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд бо ҳамкории Маркази мадании тоҷикон «Ориёно»-и шаҳри Тошканд бахшида ба 80-солагии ҳомии илму фарҳанг, шахси китобхону китобдӯст ва соҳибкори номӣ Мурод Махсудов бо номи «Китоб ва китобхон» чорабинии адабиву фарҳангӣ баргузор гардид.***

Бояд ёдрас намуд, ки Мурод Махсудов солҳои зиёд бо соҳибкорӣ машғул буда, ҳоло дар Маркази фарҳангии шаҳри Тошканд «Ориёно» ҳамчун муовини раиси он адои вазифа менамояд.

Раиси маркази мазкур Тоҷибой Икромов оиди роҳи бузурги ибратшавандаро тай намудани мавсуф, инчунин дар чунин синну соли гиромӣ низ барои ҷавонон ҳам дар илмдӯстиву ҳам дар такмили соҳибкорӣ намунаи ибрат шуда тавонистани ӯ сухан ронд.

— Мурод Махсудов натанҳо беҳтарин китобхони адабиёти тоҷик дар шаҳри Тошканд, балки адабиёти ҷаҳон низ мебошад, — эътироф намуданд иштирокдорони чорабинӣ.

— Мо бо Маркази миллии фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» дар бораи ҳамкорӣ шартнома ба имзо мерасонем, ки чорабинии бошукӯҳи ҳолоина низ як қисми он аст,— гуфт роҳбари бахши ҳудудии Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд Дилмурод Иззатов. — Ният дорем, ки чорабинии навбатии фарҳангии худро бахшида ба 30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо баргузор намоем. Вохӯрии адабиву эҷодии имрӯза ба ман таассуроти калон гузошт. Азбаски нақши китобу китобхонӣ дар рушди маънавият ва фарҳанги халқ беҳамто аст, баргузории чунин чорабиниҳои эҷодии мисли имрӯза судманд хоҳад буд.

Барои иштирокдорони тадбир баромади М. Махсудов хеле таъсирбахш буд.

– Дар солҳои бачагии мо, ки ба давраи баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон рост омад, беҳтарин машғулият китобхонӣ буд. Ман аз ҳамон вақт ба китоб ва китобхонӣ муҳаббат пайдо кардам ва то ҳол зиндагиамро бе он тасаввур карда наметавонам, – гуфт мавсуф. – Аз таҷрибаҳои кофӣ ба хулосае омадам, ки беҳтарин ғояҳо нововбаста ба кадом соҳа бошад, аз одамони донишманду бомаърифат мебароянд. Ҷаҳони имрӯза, ки бо суръати баланд рӯ ба тараққӣ ниҳодааст, аз хурду калон инкишофи ҳамаҷонибаро металабад, ки чунин тараққиёт танҳо тавассути хондан ва омӯхтан дастрас мегардад.

Мурод Махсудов яке аз муаммои доғи рӯз – тӯй ва маросимҳои он, ки имрӯз ба рақобати байни мардум табдил гардидааст, таваққуф намуда гуфт, ки мо он маблағеро, ки дар давоми солҳо ҷамъ менамоем, набояд барои тӯйҳо, балки ақлу дониш ва маърифат пайдо кардани фарзандон, ҷисман солим ва дар зиндагӣ ҷойи муносиби худро ёфтани онҳо сарф намоем. Азбаски аз ҷаҳолат танҳо бо маърифат раҳо ёфтан мумкин аст, ҳамеша аз пайи илмомӯзӣ бошем.

Мавсуф чунин ақидаҳои худро собит намуда гуфт, ки вақте рафиқу хешовандони ман аз Тоҷикистон ба меҳмонӣ омаданд, ман онҳоро ба театри калони операи Навоӣ бурдам. Спектакл ба забони италиёвӣ бошад ҳам, ҳама маънои онро фаҳмиданд, яъне санъат ва фарҳанг забони оммафаҳм доранд.

Дар охири чорабинӣ ба соҳибҷашн аз ҷониби намояндагони сафорати Тоҷикистон дар мамлакати мо ва ҳайати рӯзномаи «Овози тоҷик» тӯҳфаҳои хотирмон супорида шуд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# ТАКМИЛИ ИХТИСОС ДАР МАРКАЗИ ҲУНАРОМӮЗӢ

***Бо сарварии раиси Шӯрои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва меҳнати Куриёи Ҷанубӣ ҷаноб Ги Сеоб Квон як гурӯҳ меҳмонон ба шаҳри Самарқанд ташриф оварданд.***

Меҳмононро раиси иттифоқи касабаи вилоят Сӯҳроб Рафиқов истиқбол гирифта, то шуъбаи шаҳрии агентии маркази байналхалқии касбу ҳунаромӯзии Куриё роҳбаладӣ намуд.

– Солҳои охир риштаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон мустаҳкам мегардад, – гуфт ҷонишини котиби Шӯрои ассотсиатсияҳои институтҳои байналхалқии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва меҳнати Куриёи Ҷанубӣ Оакаи Сон,– дар шаҳри Самарқанд ташкил ёфтани маркази касбу хунаромӯзии Куриё падидаи хуб аст. Дар ин ҷо ҷавонон сиру асрори ҳунарҳои гуногунро аз мутахассисони баландихтисос меомӯзанд. Умедворӣ дорем, ки минбаъд писаракону духтаракон бо роҳхат ба Куриёи Ҷанубӣ ва дигар кишварҳои ҷаҳон ба кор мераванд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Ҳамзамонони мо*

# ФАРИШТАИ НАҶОТБАХШ

***«Ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ мебошад».***
**Шавкат МИРЗИЁЕВ.**



Дар ҷомеа шахсоне ҳастанд, ки на танҳо барои худ, балки барои дигарон низ зиндагӣ мекунанд. Онҳо бо амалу рафтор, сухану гуфтор ва нияти пок ба беҳбудии дигарон мекӯшанд. Онҳоро метавон инсонҳои фидоӣ номид.

Донишу таҷриба, инсондӯстӣ ва фидокории мутахассисони тиб дар соҳаи ҳифзи тандурустии халқ шоёни таҳсин аст. Касби табибони дилчасп, ки барои саломатии инсон масъуланду барои пойдор гардондани ҳаёти онҳо содиқанд ва савганд додаанд, ки ба ҳама баробар хидмат кунанд, бемислу монанд аст. Дар Ӯзбекистони Нав таҳким бахшидани тандурустии аҳолӣ вазифаи аввалиндараҷа муайян гардидааст. Бояд қайд кард, ки ҳукумати Ӯзбекистон ба ҳифзи тандурустии аҳолӣ ва рушди соҳа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, таъмини хидматрасонии босифати аҳолии мамлакатро дар мадди аввали сиёсати иҷтимоӣ қарор додааст. Бар дӯши табибон бори масъулияти бошараф гузошта шудааст, ки он бедор кардани ҳисси умеду боварии одамон мебошад.

***

Дар ҷаҳони тиб, нафароне ҳастанд, ки наҷотбахши инсон дар лаҳзаҳои душвортарини зиндагианд – он лаҳзаҳоест миёни зиндагӣ ва марг, умед ва ноумедӣ.

Реаниматология соҳаи махсуси тиб мебошад, ки бо табобати бемориҳои вазнин, махсусан дар ҳолатҳои эҳё ва нигоҳдории ҳаёти беморон пас аз садама, вазъи фалаҷкунанда сарукор дорад. Табиби реаниматолог на танҳо маърифати амиқи тиббӣ, балки бояд қобилияти қабули қарорҳои фаврӣ ва дурустро дошта бошад.

Вазифаи асосии табиби реаниматолог таъмини фаъолияти устувори узвҳои муҳими ҳаётӣ – дил, шуш, мағз ва дигар узвҳо мебошад. Дар шуъбаҳои реаниматсия, ки барои нигоҳдории беморони вазнин муқаррар шудаанд, мутахассисон бо истифода аз таҷҳизоти муосир ва доруҳои махсус кӯшиш мекунанд, ки вазъи беморонро субот бахшанд ва онҳоро аз марг наҷот диҳанд.

Реаниматологҳо барои ба даст даровардани натиҷаҳои беҳтарин аксаран бо мутахассисони дигар – ҷарроҳон, пизишкони умумӣ ва ҳамшираҳои касбӣ ҳамкорӣ мекунанд.

Дар ҷомеаи имрӯза, ки шумораи бемориҳои ногаҳонӣ ва садамаҳо афзоиш меёбад, нақши реаниматолог беш аз ҳарвақта муҳим аст. Онҳо бо меҳнати беандоза ва далеронаашон на танҳо ба наҷоти ҳаёт кумак мекунанд, балки ба оилаҳо умеди нав мебахшанд.

Реаниматолог қаҳрамонест бидуни ниқобу тантана. Қаҳрамонест, ки ҳар рӯз бо оромиву эътимод зиндагиро ба онҳое бармегардонад, ки умеди охиринашон танҳо ӯст.

***

Реаниматсия гӯё майдони ҷангест барои ҳаёт. Дастаи эҳёгарон бо таҷҳизоти замонавӣ, дониши клиникӣ ва қобилияти барқарор кардани фаъолияти ҳаётан муҳими узвҳо беморонро наҷот медиҳанд. Табиби эҳёгар ҳамеша дар омодагӣ аст – новобаста аз шаб ё рӯз. Пас ҳар боре, ки калимаи «реаниматолог»-ро мешунавед, бидонед – паси он ҳаётҳои наҷотёфта, дилҳои дубора тапанда меистанд.

***

Дар ҳар бемористон, шояд нафаре бошад, ки ҳар рӯз бо масъулият бо марг рӯбарӯ мешавад. Дар Маркази тиббии ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон яке аз чунин шахсиятҳо – табиби эҳёгар Саломат Рустамова беш аз 26 сол аст, ки фаъолият мебарад, одамонро наҷот мебахшад.

С. Рустамова соли 1974 таваллуд ёфта, пас аз хатми мактаби 35-уми ноҳия ба Донишкадаи тиббии Андиҷон дохил мешавад. Дар байни ҳамсолонаш бо илмдӯстию меҳнатдӯстиаш фарқ мекард. Иштироки ӯ дар анҷуманҳои илмии ҷумҳуриявию байналхалқӣ беҳуда набуд. Духтури ояндa дар назди худ мақсад гузошта, асрори касби интихобкардаашро бо ғайрати тамом омӯхт.

***

Саломат ҳанӯз аз овони донишҷӯйӣ ба равияи анестезиология ва эҳёгарӣ майл дошт. Ӯ медонист, ки ин роҳ осон нест, вале орзуи кумак ба одамон, бахусус дар лаҳзаҳои душвортарини зиндагӣ, ӯро аз роҳи худ нагардонд: «Аз кӯдакӣ ман ҳашарот ва лӯхтакчаҳоро «табобат» мекардам, фанҳои дӯстдоштаам кимиё ва биология буд. Пас аз хатми донишкада соли 1997 ба интернатура дохил шуда, дар шуъбаи эҳё кор кардам. Ҳар як дақиқа дар бахши эҳё метавонад сарнавишти инсонро дигар кунад. Ин ҷо бемор ё эҳё мешавад, ё аз даст меравад», – мегӯяд ӯ.

– Кори табиби эҳёгар бе даста ғайриимкон аст: ин ҷангро танҳо бурда наметавонӣ. Ҳамшираи шафқат, ёрии таъҷилӣ ва оилаҳои беморон як қисми дастаанд.

Палатаи эҳё, ки онро бисёриҳо намебинанд, саҳнаест, ки мӯъҷизаҳо рух медиҳанд. Вақте ки фаъолияти дил бозмемонад, нафаскашӣ қатъ мешавад, дастаи эҳё таҳти роҳбарии чунин табибон вориди палата мешаванд.

Яке аз ҳодисаҳои пурасари кории Рустамова, наҷоти як духтари 7-сола буд, ки дар ҳолати коматоз (беҳушии амиқ) баъд аз садама ба бемористон оварда буданд. Кори шабонарӯзии даста ва роҳбарии бевоситаи ӯ буд, ки духтарак баъд аз 4 рӯз ба худ омад. Ҳоло ӯ ба мактаб меравад ва ҳар сол ба бемористон омада, бо шукри сипос аз «фариштаи наҷотбахшаш» дидан мекунад.

Аксар вақт, номи табиби эҳёгар дар рӯйхати мукофотҳо намеояд.Онҳо мисли муҳофизони ноаёнанд: хомӯш, содиқ, вале муҳим. Онҳо медонанд, ки кори онҳо на барои шуҳрат, балки барои ҳаёт аст.

«Мо на барои эҳтиром, балки барои виҷдон кор мекунем. Агар як инсонро наҷот диҳем, гӯё тамоми дунёро наҷот додаем, ҳар бемор барои мо як олам аст. Вақте шахсро аз марг наҷот медиҳӣ ва баъд мебинӣ, ки ӯ ба ҳаёти маъмулӣ баргашт, ин беҳтарин мукофот аст. Баъзан мо дар соатҳои зиёд бедармон кор мекунем, лекин вақте ки шумо дар чеҳраи оилаи бемор шукргузорӣ мебинед, ҳама хастагӣ фаромӯш мешавад»,– мегӯяд бо фурӯтании хоси худ қаҳрамони мо.

Бале Саломат Рустамова барин инсонҳо рамзи умед, ирода ва инсонпарвариянд.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# *АНДЕШАҲО*

Вақте хурд будам, мехостам зуд калон шавам. Ҳоло ки 37 солаам, доим ёди бачагӣ мекунам...

***

Курсии мансаб ба ҳеҷ кас вафо намекунад , имрӯз ҳастӣ, пагоҳ не. Лекин одамгарӣ мемонад.

***

Омӯзгор будан ба хотири пулу мансаб. Ин масъулият аст, ки дили поку виҷдони соф лозим аст.

***

Худованди бузургро,
Модару падаро,
Ватани азизро
То охири умр дӯст дорем.

***

Касе, ки ба зиндагии дигарон ҳасад мебарад, аз зиндагии худаш қафо мондааст.

Аз паси мо пулу мол намемонад. Фақат ном мемонад. Биёед, номи нек боқӣ монем.

***

Вақте касе мегӯяд: «Адолат куҷост?» — чаро мо ӯро хомӯш ё танқид мекунем? Ба ҷойи ин бояд имконият диҳем, ки ҳар кас озодона фикри худро гӯяд.

***

Баъзе одамон мансабро он қадар дӯст медоранд, ки ҳатто одаму одамгарӣ ва росткориро фаромӯш мекунанд — танҳо барои нигоҳ доштани курсии худ.

***

Бисёр одамон дандонҳои солими худро бо тилло иваз мекунанд, ҳатто дандони ақлашонро низ — на барои табобат, балки барои намоиш.

Чаро?

**Бунёдҷон ШОМАТОВ,**
*ноҳияи СӮХ.*



*Дар доираи моҳонаи ҷавонон дар шаҳри Навоӣ таҳти шиори «Ҷавонони Ӯзбекистони Нав, муттаҳид шавем!» ҷашнвораи ҷавонон баргузор гардид.*

*Инчунин, бо мақсади пурмазмун гузаронидани вақти холии ҷавонон дар доираи чорабиниҳои «90 рӯзи долузарб» дар мактаби рақами 23-юми шаҳри Навоӣ, маҳаллаи Хончорбоғ, маркази «Баркамол авлод»-и шаҳри Навоӣ ва фароғатгоҳи бачагонаи «Офтобҷон» чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ ва солимгардонӣ гузаронида шуд.*

*Дар доираи чорабиниҳо ҷиҳати болидахотир гардонидани аҳолӣ «Намоиши аспҳо» ва пойгаи марафонӣ баргузор гардид.*

**Суратгир: С. АСЛОНОВ (ӮзА).**

*Минбари донишҷӯй*

# ҚАЛБИ ИНСОНРО БОЯД ЭҲТИЁТ КАРД

Имрӯзҳо одамонро ранҷондан кори осон шудааст. Як сухан, як нигоҳ, як беэҳтиромӣ – дили инсонро мешиканад. Аммо оё ягон бор фикр кардем, ки қалби инсонро на ба монанди телефон таъмир карда мешавад, на ба мисли либос иваз?

Аммо чаро имрӯзҳо мо ба қалби инсон аҳамият намедиҳем? Чаро ранҷондани диле, ки Худо дар он назар дорад, барои баъзеҳо муҳим нест?

Биёед як мисоли одӣ орем.

Агар телефонамон аз даст афтад, мо дарҳол ба ташвиш афтода, онро мебардорем, хокашро метаконем, агар зарур шавад, ҳатто пул сарф мекунем, то таъмир шавад. Вале агар инсонеро бо сухан ё рафтори баде ранҷондем, гӯё, ки ҳеҷ чиз нашудааст, ҳеҷ гоҳ намепурсем, «хафа нашудӣ?» ё «мебахшед».

Мутаассифона, дар зиндагии ҳаррӯза мо борҳо беэҳтиётӣ мекунем – бо сухан, бо рафторе, ки ба дили як инсон озор медиҳад.

Вақте мактабхон будем, ҷамъомади падару модарон баргузор шуд. Барои назорат аз тарафи роҳбарияти мактаб, ба мо – талабаҳо роҳбар таъин карданд. Яке аз вазифаҳо ин буд, ки қайд бояд шавад, падару модари кадом хонанда меояд ва кӣ намеояд. Ҷамъомад гузашт. Падару модари як хонанда наомад. Роҳбари таъиншуда назди ӯ рафт ва гуфт:

– Чаро падару модарат наомаданд? Баъди ин ҳама таъкид? Шояд ба ту аҳамият намедиҳанд ё барои онҳо муҳим нестӣ?

Он хонанда сар хам кард. Сухане нагуфт. Лекин дар гӯшае истода, ором-ором ашк рехт. Яке аз ҳамсабақон пурсид:

– Барои чӣ гиря мекунӣ?

Ҷавоби ӯ танҳо як ҷумла буд, ки дилро пора мекард:

– Агар падару модарам зинда мебуданд, албатта меомаданд...

Он лаҳза ҳама хомӯш шуданд. Шояд шармиданд. Шояд пушаймон шуданд. Вале он қалб мисли гуле, ки зери по монда бошад, аллакай шикаста буд. Қалби инсонро бояд эҳтиёт кунем. Зеро на ҳама дардашро ба забон меорад. Баъзеҳо дар хомӯшӣ месӯзанд, баъзеҳо бо табассум. Пас, агар як инсонро шод карда натавонем, ақаллан сабабгори гиряаш нашавем.

**Ситораи НАЗАРИЁН,**
**донишҷӯйи соли сеюми гурӯҳи тоҷикии ДДФ.**

*Ахлоқ*

# НЕКИИ ХУДРО МИННАТ НАКУНЕД!

***Алҳол дар ҷамъият сафи одамони неку дасткушод, ҳимматбаланд, хайрандешу хайркор меафзояд. Бо шарофати онҳо баъзе мушкилоти шахсони муҳтоҷ ҳам ба қадри ҳол ҳаллу фасл мешавад.***

Аммо бинобар надонистани расму оинҳои миллӣ, урфу одатҳои аҷдодӣ, ошно набудан бо осори алломаҳои гузашта ва ғайра дар байни хешу табор, ҳамдеҳагон, бародарону хоҳарон меҳру шафқат, эҳтироми якдигар коста мешаванд. Аксар бо атрофиён фақат бо назардошти манфиати худ муомила мекунанд. Дар натиҷаи ин бисёриҳо дар гузаронидани тӯй, маъракаҳои гуногун дасткӯтоҳӣ кашида, қарз мегиранд ва пас барои пулёбӣ ба хориҷ мераванд, ҳам худ ва ҳам аҳли оилаашонро азият медиҳанд.

Падарам ҳикоя мекарданд, ки солҳои сиюми асри гузашта се писари додари бобоям 4-7 сола мешаванд. Амаки падарам аз сабаби нодорӣ онҳоро хатнасур карда наметавонистааст. Аз ин рӯ бобоям бузи ширдеҳи хонаашро дар бозор фурӯхта, пулашро ба додараш дода гуфтааст, ки 5-6 кило биринҷу равған ва гӯшт хариду ба мардум ош дода, хатнасури писарчаҳояшро гузаронад.

Ё бигирем, солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро. Мардуми мо дусад ҳазор кӯдакони ятиммондаи миллатҳои гуногунро бо оғӯши худ гирифта, худ нимгурусна бошанд ҳам, онҳоро парвардаанд.

Имрӯз баъзан акси инро мебинем. Як ҳамдеҳаам духтарашро ба шавҳар доданӣ шуду ба тӯй додари дар Русия барои кор рафтаашро таклиф кард. Додар ҷойи хурсанд шуда, табрик кардан ба акояш: «шумо аввал қарзи аз ман гирифтаатонро баргардонеду сонӣ тӯй кунед», – гӯён эрод гирифт. Бародараш «додар, ман баъди гирифтани ҳосил пулатро медиҳам», гӯяд ҳам, ӯ розӣ нашуд. Модараш моҷарои байни писаронро шунида, бемор шуд ва ба беморхона афтод. Писари калонӣ автомобилашро, ки се моҳ пеш харида буд, фурӯхта қарзашро қанд, модарашро табобат карда, тӯяшро гузаронд.

Мутаассифона, чунин ва аз ин ҳам бадтар мисолҳо кам нестанд. Ин нишонаи аз маънавияти миллӣ, аз ҳикмату ривоятҳои ниёгон дур будан аст.

Аз ин лиҳоз мушоҳида кардаем, ки дар арафаи ид ва рӯзҳои саид баъзе шахсон ба ночоре каме кумак карда, сонӣ солҳо онро гуфта мегарданд. Ин гуна рафтор хоси савоби хайрро мепаронад.

Аз чунин хайру эҳсони бaминнат накардани он хубтар аст.

Бинобар ин мо бояд аз ҳикоя ва ривоятҳои бузургону гузаштагони баору нанги худ хабардор бошем, аз онҳо хулосаҳои зарурӣ барорем ва ба эҳтироми якдигар, пайи ёрии беминнат ҳаракат кунем.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи ЧУСТ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 3696. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.